*Комиссияи Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба озодии динии байналмилалӣ (USCIRF) як ниҳоди ҷудо ва алоҳида аз Вазорати корҳои хориҷии ИМА аст. Ин ниҳод аз ҷониби Конгресси ИМА ташаккул ёфта, мақоми машваратии мустақил ва дуҳизбӣ аст, ки озодии диниро дар саросари ҷаҳон назорат мекунад ва ба Президент, Вазири корҳои хориҷӣ ва Конгресси ИМА оид ба масъалаҳои сиёсат тавсияҳо медиҳад. USCIRF дар ин тавсияҳо мандати оинномавии худ ва стандартҳоеро, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва дигар санадҳои байналмилалӣ баён шудаанд, чун асос қарор медиҳад. Гузориши солонаи 2015 натиҷаҳои кори яксолаи кормандони ваколатдор ва мутахассисонро дар бар мегирад, ки кӯшиш кардаанд, нақзҳои дар маҳалҳо руйдодаро сабт намуда, ба Ҳукумати Амрико тавсияҳои мустақили худро оид ба масъалаҳои сиёсат пешниҳод намоянд. Гузориши солонаи 2015 давраи аз 31 январи соли 2014 то 31 январи соли 2015- ро фаро мегирад, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо ба баъзе рӯйдодҳои муҳиме, ки пас аз ин давра рух додаанд, инчунин ишора шудааст.*

## ТОҶИКИСТОН

**Хулосаҳои асосӣ:** Ҳукумати Тоҷикистон ҳама гуна фаъолияти динии мустақил ва берун аз назорати давлатӣ, аз ҷумла фаъолиятҳои мусулмонон, протестантҳо ва шоҳидони Яҳуваро саркӯбӣ карда, ба ҷазо мекашад. Аз соли 2009 ин тараф дар кишвар як силсила қонунҳое ҷорӣ карда шудаанд, ки ба таври шадид озодии диниро маҳдуд месозанд. Ҳукумат инчунин шахсони алоҳидаро бо иттиҳомҳои ҷиноии собитнашудаи марбут ба фаъолиятҳои динии исломӣ ба зиндон мекашад. Фаъолияти шоҳидони Яҳува аз соли 2007 манъ карда шудааст. Бар асоси ин нигарониҳо, ки аз соли 2012 ин тараф мавҷуданд, Комиссияи Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба озодии динии байналмилалӣ (USCIRF) бори дигар дар соли 2015 тавсия менамояд, ки Ҳукумати ИМА Тоҷикистонро мувофиқи Қонуни байналмилалии озодии дин (IRFA) ба сифати “кишвари боиси нигарониҳои хос” ё (CPC) муайян намояд. Қаблан Тоҷикистон, аз соли 2009 ба ин тараф, дар рӯйхати пайгириҳои USCIRF ҷой дода шуда буд.

**Заминаҳо**

Тоҷикистон як кишвари дурдаст ва қашшоқшудаест, ки ҷанги панҷсолаи шаҳрвандиро дар солҳои 1990 паси сар кардааст. Ин ҷанг ҳаёти беш аз 100 000 нафарро аз байн бурдааст; авфи расмии пасазҷангӣ бисёре аз мансабдорони расмии кишварро дар бар мегирифт, ки барои истифодаи шиканҷа масъул дониста шудаанд. Ҳукумати Тоҷикистон суст ва хеле фасодзада аст ва иқтисодиёти кишвар ба интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ, асосан аз Русия, вобаста буда, аз ин ҳисоб пеш бурда мешавад. Пас аз поёнравии иқтисодиёти Русия аксари муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2014 ба Тоҷикистон баргарштанд, ки боиси шиддати нави иҷтимоӣ гаштааст. Тоҷикистон бо Эрон, шарики дуюми тиҷоратии худ, муносибати хуб дорад; ин ду кишвар забон ва мероси фарҳангии муштарак доранд.

Бештар аз 90 дар сади аҳолии умумии 7,9 миллионнафараи Тоҷикистон мусулмон ҳастанд, ки аксари онҳо пайрави мазҳаби ҳанафии исломи суннӣ мебошанд; тахминан 4 дар сади аҳолӣ шиаи исмоилӣ ҳастанд. Аксари 150 000 нафар масеҳиён русҳои ортодокс ҳастанд, инчунин баптистҳо, католикҳои романӣ, адвентистҳо, лютеранҳо ва кореягиҳои протестант ва миқдори ками баҳоиҳо, пайравони Кришна, шоҳидони Яҳува ва камтар аз 300 нафар яҳудиён мавҷуданд. Пас аз қабул ва амалӣ шудани як қатор қонунҳои бениҳоят маҳдудкунанда муҳити ҳуқуқии озодиҳои динӣ аз соли 2009 ба ин сӯ ба таври назаррас бад шуд. Қонуни дин аз соли 2009 барои гурӯҳҳои мазҳабӣ талаботҳои сахти бақайдгирӣ ҷорӣ мекунад; мувофиқи он фаъолиятҳои мазҳабии ба қайд гирифта нашуда, таълимоти хусусии динӣ ва таблиғоти динӣ (прозелитизм)  ғайриқонунӣ маҳсуб  меёбад; дар бобати миқдор ва андозаи масҷидҳо маҳдудияти сахт ҷорӣ мекунад; дар таъини имомон дахолати давлатро иҷозат медиҳад; аз ташкилотҳои динӣ барои таъмини дастурҳои динӣ ва робита бо ҳаммазҳабони хориҷӣ иҷозати расмӣ дархост менамояд; бар рӯи мӯҳтаво, нашр ва воридоти маводҳои динӣ назорати давлатӣ ҷорӣ мекунад; намозгузориро дар масҷидҳо, қабристонҳо, манзилҳо ва зиёратгоҳҳо маҳдуд месозад.

Дар соли 2011 ва 2012 тағйиротҳои воридшуда ба Кодекси ҷиноӣ ва маъмурӣ як қатор ҷазоҳои навро муайян намудааст, аз ҷумла ҷаримаҳои калон ва мӯҳлатҳои зиндон барои иттиҳомоти марбут ба дин, ба монанди ташкил ё иштирок дар ҷамъомадҳои "иҷозатнашудаи" динӣ. Барои ташкилкунандагони эҳтимолии "гурӯҳҳои омӯзишии ифротгарои динӣ" аз ҳашт то 12 соли зиндон муқаррар шудааст. Илова бар ин, бо қонуни соли 2011 оид ба масъулияти падару модарон иштироки ноболиғон дар ҳама гуна фаъолиятҳои муташаккили динӣ, ба ҷуз маросими ҷаноза манъ карда шуд. Вазорати корҳои хориҷии ИМА дар яке гузоришҳои охирини Озодии байналмилалии динӣ (IRF) қайд кардааст, ки "Тоҷикистон ягона кишвари ҷаҳон аст, ки дар он қонун иштироки шахсони то 18 соларо дар фаъолиятҳои умумии динӣ манъ кардааст".

Қонуни Тоҷикистон "Дар бораи ифротгароӣ" фаъолиятҳои ифротгароӣ, террористӣ ё инқилобиро бе мавҷудияти амалҳое, ки боиси зӯроварӣ ё барангехтани хушунат мегарданд, мавриди ҷазо қарор медиҳад. Дар мурофиаҳои судии ин гуна иттиҳомот додрасии боадолатона ва кафолатҳои мурофиавӣ мавҷуд нестанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои асоснок намудани амалҳои худ алайҳи шахсони алоҳидае, ки дар фаъолиятҳои муайяни динӣ иштирок мекунанд, нигарониҳояшро оид ба ифротгароии исломӣ сабаб меорад. Мувофиқи назарсанҷии умумӣ, ки онро ТҒД-и Маркази таҳлилии Шарқ анҷом додааст, аксари тоҷикон на ифротгароии исломӣ, балки камбизоатиро мушкили асосии кишвар меҳисобанд. Дар бораи маҳдудиятҳои расмии гурӯҳҳои ба қавле ифротгаро маълумоти кам дастраси умум карда шудаанд, аммо фаъолияти Ҷамоати Таблиғ манъ карда шудааст.

**Шароитҳои озодии динӣ дар солҳои 2014-2015**

***Маҳдудиятҳо нисбати мусулмонон:*** Мақомоти расмии Тоҷикистон масҷидҳо ва мардумеро, ки ба онҷо мераванд барои ақидаҳое, ки ба назари онҳо зиддиҳукуматӣ ва ифротӣ мерасад, таҳти назорат қарор медиҳанд; нисбати сарулибоси мусулмонӣ маҳдудиятҳо ҷорӣ мекунанд; теъдод ва синну соли зоиронн ҳаҷро назорат мекунанд; ва ба таври ғайримустақим интихобу ҳифозати имомон ва мӯҳтавои хутбаҳои намозро назорат менамоянд. Қонун пӯшидани ҳиҷобро дар муассисаҳои таълимӣ манъ намуда, ба омӯзгорони синнашон аз 50 поён ришгузориро дар биноҳои ҷамъиятӣ манъ мекунад. Дар соли 2014 Шӯрои нимарасмии уламо эълон намуд, ки ба намозгузории занон дар масҷид иҷозат медиҳад ва духтарони донишҷӯи мадрасаҳои диниро ташвиқ менамояд, ки имом-хатиб интихоб гардида, ҳамроҳи занҳои намозгузор танҳо дар масҷидҳое, ки бахши занона доранд, кор кунанд.

Дар соли 2014 Вазорати молия ва Кумитаи Давлатӣ оид ба корҳои динӣ ба пардохти маош ба имомони масҷидҳои ҷомеъ шурӯъ кард. Мувофиқи маълумоти хабаргузории Форум 18 инҳо ягона масҷидҳоеанд, ки давлат дар он ҷо ба хутбаҳои намозе, ки қаблан аз ҷониби Шӯрои уламо таҳия шудааст, иҷозат додааст. Президент Эмомалӣ Раҳмон инчунин ба Шӯрои уламо дастур додааст, ки барои имомон сарулибоси ягона муқаррар намояд. Маркази таҳлилии Шарқ гузориш медиҳад, ки ин сиёсатҳо боиси тақсимоти шадид байни рӯҳониёни мусулмони расмӣ ва ғайрирасмӣ ва афзоиши нобоварии мардумӣ ба муассисаҳои динӣ гаштааст.

***Мурофиаҳои судӣ ва боздошти мусулмонон:*** Дар давоми соли 2014 мақомоти амниятии Тоҷикистон боздошт ва таъқиби даҳҳо нафар шахсонро бо иттиҳоми эҳтимолии робита бо гурӯҳҳои мамнӯи исломӣ ё шабакаҳои байналмилалии террористӣ идома доданд. Бинобар системаи ноқиси судии Тоҷикистон тасдиқи дурустии ин гуна иттиҳомот комилан ғайриимкон аст. Масалан, дар моҳи декабри соли 2014 Додситонии Тоҷикистон гуфта буд, ки тақрибан 50 нафар ҷавонмардонро аз ҳисоби гурӯҳҳои мамнӯи исломӣ дар вилояти Суғд бо иттиҳоми эҳтимолии омодагӣ ба ҳамроҳшавӣ бо ҷиҳодиёни Сурия боздошт кардаанд. Бино бар хабари Радиои озодӣ дар моҳи феврали соли 2015 Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон изҳор намудааст, ки 200 нафар муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Русия ба сафи ҷангиёни Сурия ҳамроҳ шуданд, аммо дигарон ин шумораро тасдиқ карда натавонистанд.

Раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон дар моҳи апрели соли 2014 дар бораи миқдори афзоишёбандаи мақомоти тоҷик, ки тибқи хабарҳо пайравони ҷараёни Салафия ё исломи шиа шудаанд, нигаронии худро изҳор намуд. Маркази таҳлилии Шарқ гузориш медиҳад, ки маъруфияти салафия дар байни элитаи сиёсии Тоҷикистон афзоиш меёбад. Милисаи тоҷик, капитан Шариф Миров, дар моҳи майи соли 2014 барои ба қавле барангехтани адовати динӣ бо роҳи тарғиби ҷараёни Салафияи ислом боздошт карда шуд, ки мувофиқи

хабарҳо аввалин чунин як боздошт дар кишвар аст. Ҷонишини раиси Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои динӣ пайравони ҷараёни салафияро ифротгаро номида аст, зеро шеваи намозгузории онҳо дигар буда, эътиқод ба дини исломро ба баҳс мекашанд. Мувофиқи гузориши Агентии мустақили хабарнигории Азия-Плюс дар моҳи декабри соли 2014 Суди Олии Тоҷикистон ҷараёни мусулмонони салафиро “ифротгаро” эълон намуд ва торнамои ин ҷараёнро дар қаламрави Тоҷикистон маҳдуд кард. Тавре ки хабаргузории Форум 18 хабар медиҳад, мусулмонони салафӣ ҳоло зери хавфи таъқибот аз рӯи се моддаи марбут ба ифротгароии Кодекси ҷиноятӣ ҳастанд, ки аз 5 то 12 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.

Дар Тоҷикистон ягона ҳизби расмии сиёсии исломӣ дар тамоми қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо номи Ҳизби Наҳзати исломӣ (ҲНИТ) мавҷуд аст. Ба ҲНИТ ин мавқеи расмӣ дар натиҷаи созишномаи сулҳи пасазҷангӣ ихтисос дода шуд. Кӯшишҳои ҳукуматӣ оид ба саркӯб кардани фаъолиятҳои исломӣ аксар вақт бо кӯшишҳои расмии саркӯб кардани ҲНИТ ба ҳам марбутанд. Дар моҳи январи соли 2014 Умедҷон Тоҷиеви 34 сола, узви ҲНИТ аз шаҳри шимолии Исфара, дар беморхонаи боздоштгоҳ дар шароити хеле шубҳаовар даргузашт; ӯ моҳи октябри соли 2013 бо иттиҳомоти ифротгароӣ боздошт шуда буд. Пас аз анҷоми давраи гузориши мазкур, ҲНИТ дар интихоботи порлумонии 1-уми марти соли 2015 танҳо 1,5 дар сади овозро ба даст оварда, шикаст хӯрд ва аввалин дафъа дар давоми 15 соли охир аз курсии порлумонӣ маҳрум гашт. Пас аз панҷ рӯзи ин интихоботи пурсарусадо, роҳбари оппозитсияи тоҷик Умаралӣ Қувватов дар шаҳри Истанбул кушта шуд. ҲНИТ ва гурӯҳҳои гуногуни ҳуқуқи башар дар бораи шиканҷаи боздоштшудагон ва маҳбусон хабар додаанд.

Бино бар маълумоти созмони Дидбони Ҳуқуқи башар Шӯҳрат Қудратов, вакили дифои пешбари ҳуқуқи башар дар моҳи январи соли 2015 бо иттиҳоми қалбакии қаллобӣ ва ришвахорӣ ба нӯҳ соли зиндон маҳкум гардидааст. Ӯ бо парвандаҳои “сиёсӣ” машғул ва машҳур шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо парвандаҳои ҷабрдидагони шиканҷаҳои милиса ва онҳое мебошад, ки бо иттиҳоми”ифротгароии исломӣ” гунаҳкор дониста шудаанд; ӯ ҳамчунин бо Агентии иттилоотии Азия-Плюс ҳамкорӣ мекунад.

***Маҳдудиятҳо нисбати мавзеъҳои ибодат:*** Қонуни Тоҷикистон теъдоди масҷидҳои иҷозатшударо сахт маҳдуд кардааст ва аз соли 2008 инҷониб ҳукумат садҳо масҷид ва намозгоҳҳои сабтнашударо баста, дар шаҳри Душанбе се масҷиди сабтнашударо хароб кард. Дар соли 2008 ягона канисаи (ибодатгоҳи) яҳудиён, ки дар шаҳри Душанбе воқеъ буд, бо булдозер ба хок яксон карда шуд. Дертар ба ҷамоати яҳудиёни Душанбе биноеро доданд (биноро додарарӯси Президент Раҳмон, яке аз сарватмандтарин бонкдорон тӯҳфа намуд), ки онро танҳо барои ибодат истифода мебаранд, аммо соҳиби он нестанд. Моҳи июли соли 2013 Убайдулло Ҳасанов, собиқ сархатиби ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, пас аз ошкоро аз Президент Эмомалӣ Раҳмонов дархост намудани замин барои сохтмони масҷид аз ҷониби Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои динӣ аз вазифааш барканор гардид. Дар муқоиса бо ин, соли 2009 Маркази фарҳангии Оғохон, аввалин маркази исмоилиён дар

Осиёи Марказӣ, дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардид ва Тоҷикистон эълон намуд, ки дар соли 2017 дар шаҳри Душанбе яке аз бузургтарин масҷиди ҷаҳон бо сармоягузории кишвари Қатар ифтитоҳ хоҳад шуд.

***Маҳдудиятҳо нисбати аққалиятҳои динӣ:*** Фаъолияти шоҳидони Яҳува барои ба қавле эҷоди "норизоятӣ" дар байни мардум ва истифодаи ҳуқуқи эътироз ба хидмати ҳарбӣ соли 2007 манъ карда шуд. Шоҳидони Яҳува ҳанӯз ҳам дучори озору азияти расмӣ мебошанд. Протестантҳо ва дигар гурӯҳҳои хурд бо сабаби талаботҳои душвори бақайдгирӣ мавқеи расмӣ пайдо карда наметавонанд. Мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷӣ дар моҳи июни соли 2013 мақомоти расмӣ парвандаи маъмурии дуюмро зидди пастори калисои Грейс дар шаҳри Хуҷанд барои калисои хурди "ғайриқонунӣ", "тарғиботи динӣ" ва омӯзиши ба қайд гирифтанашудаи Библия (Китоби Муқаддас) боз намуданд. Дар мавриди дигар, хабаргузории Форум 18 гузориш дод, ки дар моҳи июни соли 2014 ба калисое, ки номаш зикр нашудааст, барои қатъ кардани иштироки кӯдакон дар ибодатҳо, ё дар акси ҳол, манъи фаъолияти ин калисо ба муддати се моҳ огоҳӣ дода шуд.

***Маҳдудиятҳо нисбати адабиёти динӣ:*** Ҳукумат бояд нашр, воридоту содирот, фурӯш ва паҳну тақсими маводи диниро аз ҷониби гурӯҳҳои динии ба қайд гирифта шуда ба тасвиб расонад, ки амалан чунин маводи динӣ аз ҷониби гурӯҳҳои динии ба қайд гирифта нашуда мамнӯъ шудааст. Вазорати фарҳанг матнҳои диниеро, ки номуносиб медонад, аз ҷумла мансуб ба шоҳидони Яҳуваро мусодира кардааст.

***Маҳдудиятҳо нисбати таълимоти динӣ:*** Барои омӯзиши динӣ иҷозатномаи давлатӣ лозим аст ва ҳам падар ва ҳам модар барои таълими кӯдакон бояд иҷозати хаттӣ диҳанд. Танҳо масҷидҳои марказӣ иҷозати ташкили гурӯҳҳои омӯзиширо доранд. Мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷӣ то декабри соли 2013 аз ҳашт мадрасаи кишвар фаъолияти ҳафттои он манъ шуда буд. Мақомоти Тоҷикистон ҳоло танҳо ба як мадрасаи воқеъ дар шаҳри Турсунзода, дар наздикии шаҳри Душанбе иҷозат додаанд. Моҳи декабри соли 2014 кормандони милисаи ноҳияи Ваҳдат, дар наздикии шаҳри Душанбе, Комилҷон Аҳроров ва Сайидмуъмин Рашидовро барои таълими Қуръон ва дини ислом ба кӯдакони синни мактабӣ боздошт карданд. Мувофиқи хабаргузории Форум 18 Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои динӣ моҳи январи соли 2015 ба калисоҳои гуногуни протестантҳо огоҳиҳои хаттӣ ирсол намуд, ки дар сурати қатъ накардани ибодати кӯдакон нисбати онҳо ҷазоҳои зарурӣ андешида хоҳанд шуд.

***Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мушкилоти динӣ:*** Ҷомеаи шаҳрвандии тоҷик таҳти фишори расмӣ қарор дорад ва ташкилотҳои ғайридавлатии Тоҷикистон бинобар хавфи эҳтимолии дахолат ба ин мавзӯъ тарси худро дар мавриди гузоришдиҳӣ дар бораи озодиҳои динӣ баён кардаанд. Дар моҳи июни соли 2014 шаҳрванди Тоҷикистон ва донишҷӯи пажӯҳишгари донишгоҳи Торонто Александр Содиқов, ки дар блогҳои худ сиёсатҳои

маҳдудкунандаи Тоҷикистонро дар масоили динӣ танқид кардааст, ҳангоми иҷрои пажӯҳишҳои илмияш дар вилояти Бадахшони Кӯҳӣ, ки бо Афғонистон ҳамҷавор буда, аҳолияш асосан исмоилӣ аст, бо иттиҳоми ҷосусӣ боздошт гардид. Пас аз эътирозҳои байналмилалӣ дар моҳи сентябри соли 2014 ба Содиқов иҷозат дода шуд, ки Тоҷикистонро тарк кунад, аммо иттиҳоми ҷосусӣ нисбати ӯ бекор карда нашуд.

**Сиёсати ИМА**

Тоҷикистон аз ҷиҳати стратегӣ барои ИМА муҳим аст, қисман бо он сабаб, ки тоҷикони қавмӣ дуюмин гурӯҳи калони қавмӣ дар Афғонистон, ҳамсояи ҷанубии Тоҷикистон мебошанд. Аз соли 2010 ба ин тараф ИМА ҳамкории худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон густариш дод, то ин ки борҳои худро бо роҳи заминӣ тавассути шабакаи тақсимотии шимолӣ интиқол дода тавонад, ки он ба низомиёни НАТО ва ИМА ҳангоми тарки Афғонистон лозим хоҳад шуд. Илова бар ин, Тоҷикистон ба вуруди Қувваҳои амалиётии махсуси ИМА ба қаламрави худ дар асоси “ҳолат ба ҳолат” ҳангоми иҷрои амалиётҳои зиддитеррористӣ иҷозат додааст. Дар соли 2014 Ҳукумати Тоҷикистон ба пешниҳоди Вазорати дифои ИМА дар бобати таҷҳизоти низомии барзиёди ИМА таваҷҷӯҳ изҳор намуд ва ҷониби Тоҷикистон барои он танҳо ҳаққи нақлиётро пардохт хоҳад кард.

Аз соли 2010 ба ин тараф, Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико ва Тоҷикистон масоили сиёсати дуҷониба ва масоили кӯмакро тавассути Машварати дуҷонибаи солона (ABC) мавриди муҳокима қарор додаанд. Афзалиятҳои изҳорнамудаи Вазорати корҳои хориҷии ИМА дар Тоҷикистон эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ва тақвияти мустақилияту суботи кишварро дарбар мегирад. Ёвари Котиби давлатӣ оид ба корҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Ниша Десаи Бисвал (Nisha Desai Biswal) гурӯҳи намояндагони ИМА-ро ба давраи сеюми Машварати дуҷонибаи солона (ABC), ки моҳи июни соли 2014 дар Тоҷикистон баргузор шуд, роҳбарӣ намуд. Ҳарчанд, вақти Машварати дуҷонибаи солона аз ду рӯз ба як рӯз коҳиш ёфт ва биноан вақти баррасии масъалаҳои дахлдор низ кам шуд. Вазорати корҳои хориҷӣ бори дигар дар моҳи декабр ба Тоҷикистон ташриф овард ва ба Ҳукумати Тоҷикистон нигарониҳои худро оиди озодиҳои динӣ изҳор намуда, бо намояндагони ҷамъияти шҳрвандии Тоҷикистон вохӯрд; мубоҳисаҳо оид ба озодиҳои динӣ дар сатҳҳои баландтар дар моҳи феврали соли 2015 баргузор гардиданд. Гузориши солонаи Озодии Байналмилалии динии Вазорати корҳои хориҷии ИМА бадшавии озодиҳои диниро дар Тоҷикистон сабт кардааст. Барномаи кӯмаки ИМА дар Тоҷикистон ба пешрафти қонунгузории такмилёфтаи марбут ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва сухан; кӯмакҳои ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ; ва расонаҳои ахбори электронии ғайридавлатии қавитар мусоидат мекунад.

**Тавсияҳо**

Илова бар тавсияи Ҳукумати ИМА оид ба ҳамчун “кишвари боиси нигарониҳои хос” муайян намудани Тоҷикистон,  Комиссияи Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба озодии динии байналмилалӣ (USCIRF) инчунин тавсия мекунад, ки Ҳукумати ИМА бояд:

- Ба Ҳукумати Тоҷикистон фишор оварад, то ин ки Қонуни дин аз соли 2009 ва қонунҳои марбутаи дигарро ба тааҳҳудоти байналмилалӣ, аз ҷумла тааҳҳудоти марбут ба озодии дин ё эътиқод, мувофиқ намояд, инчунин ба таври умумӣ нақзи ин таааҳҳудотро аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон мавриди танқид қарор диҳад;

- Барои таъмин кардани танқиди хусусӣ ва ҷамъиятӣ дар бобати муносибати репрессивии Тоҷикистон дар масоили танзими дин ва мубориза бо ифротгароӣ, аз ҷумла хавфи ифротгаро кардани аҳолии кишвар, бо ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар ҷараёни чорабиниҳо оид ба мубориза бо терроризм, ки аз тарафи Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) сарпарастӣ шудааст, кор барад;

- Ҳукумати Тоҷикистонро ба мувофиқат намудан ба боздидҳои гузоришгарони махсуси СММ оид ба озодии дин ва эътиқод, мустақилияти системаи судӣ ва шиканҷа, таъин намудани рӯзҳои муайяни боздидҳо ва таъмин кардани шароити комилу лозимӣ барои ташкили чунин боздидҳо даъват намояд;

- Муколамаҳои дурӯзаи Машварати дуҷонибаи солонаро (ABC) бо мақсади фароҳам кардани мубоҳисаи комили ҳамаи масъалаҳои марбута, аз ҷумла ҳуқуқи башар ва озодии динӣ ташкил намояд;

- Боварӣ ҳосил намояд, ки сафорати ИМА назорати мурофиаҳои судии шахсонеро, ки бинобар мансубияти динияшон гунаҳкор дониста мешаванд, идома дода, бо фаъолони ҳуқуқи башар робитаи муносиб эҷод менамояд ва Ҳукумати Тоҷикистонро водор мекунад, ки тамосу дастрасии бештари ҳар як боздоштшударо бо аъзои оила, нозирони ҳуқуқи башар, хидмати муносиби тиббӣ ва вакили додгустарӣ фароҳам кунад;

- Боварӣ ҳосил намояд, ки кӯмаки ИМА ба Ҳукумати Тоҷикистон, ба истиснои кӯмакҳои башардӯстона ва барои пешрафти ҳуқуқи башар пешбинишуда, дар сурате анҷом меёбад, ки агар ҳукумат ҷадвали замонии иқдомоти мушаххасро барои ислоҳоти Қонуни дин ва беҳбуди шароити озодии динӣ ва эътиқод мураттаб ва амалӣ намояд; ва

- Сармояи ба барномаи Бахши VIII-и Вазорати корҳои хориҷӣ ихтисосёфтаро (ки мувофиқи Қонуни таҳқиқот ва омӯзиши бахши Аврупои шарқии шӯравӣ аз соли 1983 таъсис ёфтааст) дар риштаи пажӯҳишҳо, аз ҷумла пажӯҳиши озодии динӣ ва ҳуқуқи башар дар собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, ҳамчунин барномаҳои забонӣ истифода намояд.